## Тақризи роҳбари илмӣ

ба рисолаи диссертатсионии Абдурамонова Подшохоним Давлатамоновна дар мавзӯи «Ҳаёти фарҳангии Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон дар солҳои 1991- 2016» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07 00 02 – Таърихи ватанӣ.

Пас аз барқарор шудани сулҳу осоиштагӣ дар Тоҷикистон аз миёнаи солҳои 90-уми асри гузашта дар Тоҷикистон давраи созандагӣ ва рушди тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, аз ҷумла соҳаи фарҳанг, оғоз гардид. Дар ин муддат Ҳукумати кишвар барои пешрафти ҳаёти фарҳангии ВМКБ, аз ҷумла, инкишофи инфрасохтори иқтисодӣ, тарбияи кадрҳои баландихтисоси дорои маълумоти олӣ ва касбии махсус, тандурустӣ, тарбияи томактабии кӯдакон, рушди макотиби миёна, инкишофи соҳаҳои санъат, шаҳрсозӣ, меъморӣ ва ғайра иқдомҳои наҷиберо ба сомон расонид, ки имрӯз вақти таҳлилу баррасии дастовардҳо расидааст.

Аз ин рӯ, таҳлили илмии раванди таърихии рушди ҳаёти фарҳангии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон аҳамияти баланди илмӣ дорад.

Мавзуи мазкур аз тарафи довталаб Абдурамонова П.Д. тули 4 соли охир мавриди омӯзиш қарор дошт. Дар ин муддат унвонҷӯ аз маводи бойгониҳои ҷории Дастгоҳи иҷроияи ВМКБ, мақомоти он, аз бойгонии давлатии вилоят ва вазоратҳои фарҳангу маорифи ҷумҳурӣ истифода намуда, рушди фарҳанги минтақаро ба риштаи таҳқиқ кашид.

Боиси зикр аст, ки аз ҷониби унвонҷӯ масъалаҳои дараҷаи омӯхта шудани мавзӯъ, мақсаду вазифаҳо моҳирона иҷро шуда, муаллиф тавонист, ки инкишофи соҳаи фарҳанги ВМКБ-ро пурра инъикос намояд.

Дар рисолаи пешниҳодшуда, душвориҳое, ки солҳои 1990-ум соҳаи фарҳанги вилоят аз сар гузаронид, рушди бомароми соҳа дар солҳои минбаъда, диққати роҳбарияти мамлакат, бахусус ғамхориҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ -Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Э. Раҳмон ба таври возеҳ нишон дода шуданд.

Хусусияти хоси кор дар он аст, ки аксари мавод аз бойгониҳо ҷамъоварӣ шуда, дар баробари он ҳуҷҷату санадҳои ҳуқуқиву норматӣвӣ, Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ВМКБ доир ба мавзӯи тадқиқотӣ, ки асосан маълумотҳои рақамиро дар бар мегиранд, бори аввал ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд.

Рисола нахустин маҷмӯи тадқиқоти диссертатсионӣ мебошад, ки ба омӯзиши ҳаёти фарҳангӣ, илм, маориф, соҳаҳои варзиш, сайёҳӣ, эҳё ва рушди ҳунарҳои мардумии ВМКБ дар замони истиқлолият бахшида шудааст.

Муқаррароти ба дифоъ пешниҳодшуда аз мазмуни кор бармеояд ва асоси илмиву мантиқӣ дорад.

Рисолаи илмии Абдурамонова П.Д. «Ҳаёти фарҳангии Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон дар солҳои 1991- 2016» дорои аҳамияти илмӣ-назариявӣ ва амалӣ буда, натиҷаҳои ба дастовардаи муаллиф метавонанд дар корҳои илмӣ-тадқиқотии муаррихон ҷиҳати муайян кардани равияҳо, усулҳо ва услубҳои тадқиқоти хеш, ки ба ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти фарҳангии халқи тоҷик бахшида шудаанд, кумаки воқеӣ расонанд. Натиҷаҳои тадқиқот метавонанд барои офаридани тадқиқоти нав дар омӯзиши таърихи ватанӣ, курсҳои лексионӣ ва махсус аз фанни “таърихи халқи тоҷик” ва “таърихи фарҳанги Тоҷикистон” дар макотиби олии ҷумҳурӣ истифода шаванд.

Роҳбари илмӣ,
номзади илмҳои таърих, дотсент,
мудири шуъбаи таърихи навтарини
Институти таърих, бостоншиносӣ ва
мардумшиносии АИ ҶТ Ғафуров А.М.

*ш. Душанбе, х. Рудаки, 33*
*E-mail: falgar@mail.ru*
*Тел: +992 93 565 6312*

Имзо
Подпись
Ғафуров А.М.
Тасдиқ мекунам/Удостоверяю
Котиби илмӣ/Учёный секретарь
Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши АИ ҶТ
Институт истории, археологии и этнографии им. А.Дониша АНРТ
Имзо
Подпись